«Тасдиқ карда шудааст»
бо Қарори Муассис
аз «28» декабри соли 2021



ОИННОМАИ

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди
Ташкилоти қарзии хурди
«ОКСУС»

Душанбе – 2021

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти қарзии хурди «**ОКСУС**», ки дар оянда "Ҷамъият" ном бурда мешавад, дар Шӯъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфродии шаҳри Душанбе аз 19 августи соли 2009, шаҳодатномаи таҳти №0001439 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст ва дар асоси Қарори Муассис (аз 28 декабри соли 2021), мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфродӣ», Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тасдиқнамудаи Оинномаи мазкур, аз нав ба қайд гирифта мешавад.

1.2. Иштирокчии ягонаи дорои ҳуҷуҷҳои Муассис дар лаҳҳзаи аз нав бақайдгирии Ҷамъият - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «OXUS HOLDING S.A.» мебошад, ки ба феҳрист мутобиқи санади нотариалии Мэтр Анри Хелинкс дар ш. Люксембург аз 24 июли соли 2007 дароварда шудааст.

1.3. Баъд аз бақайдгирии Ҷамъият мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» метавонанд дигар Иштирокчиён низ ҳамроҳ шаванд.

1.4. Номи пурраи Ҷамъият чунин аст:
- ба забони тоҷикӣ: Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти қарзии хурди «**ОКСУС**»;
- ба забони русӣ: Общество с ограниченной ответственностью Микрокредитная организация «**ОКСУС**»;
- ба забони англисӣ: Limited Liability Company Micro Credit Organization «**OXUS**».

Номи ихтисоршудаи Ҷамъият чунин аст:
- ба забони тоҷикӣ: ҶДММ ТҚХ «ОКСУС»;
- ба забони русӣ: ООО МКО «ОКСУС»;
- ба забони англисӣ: «OXUS» LLC MCO.

1.5. Макон ва суроғаи Ҷамъият: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шарқ 14.

1.6. Забони расмӣ ва кории Ҷамъият забони тоҷикӣ мебошад.

1.7. Ҷамъият барои давраи номаҳдуд таъсис дода шудааст.

2. МАҚСАД ВА НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТ. МАҚОМОТИ ИДОРАКУНӢ

2.1. Намудҳои асосии фаъолияти Ҷамъият ин фаъолияти маблағгузории хурд мебошад ва Ҷамъият ҳуқуқ дорад:
- танҳо ба фаъолияти пешбининамудаи Оинномаи мазкур ва иҷозатнома машғул шаванд;
- ҳиссаҳои Иштирокчиро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки Миллии Тоҷикистон харидорӣ намояд;
- маблағҳои озоди худро дар ташкилотҳои қарзӣ ҷойгир намояд;

- тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи андозаи қарзи хурд ба иҷораи молиявӣ (лизинг) машғул шавад, ҳамчунин аз ташкилотҳои қарзӣ, шахсони воқеию ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ қарз гирад.

2.2. Барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда Ҷамъият намудҳои зерини фаъолиятро мувофиқи талаботи қонунгузории амалкунанда ба амал мебарорад:
- пешниҳоди қарзҳои хурд;
- бастани қарордодҳои форвардӣ ва своп барои худ.

2.3. Ҷамъият метавонад инчунин дигар намудҳои фаъолиятеро, ки он ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад ва барои ба амал баровардани намудҳои фаъолияте, ки дар банди 2.2. боби мазкур пешбинӣ гардидааст, зарур мебошад, амалӣ намояд. Илова ба гуфтаҳои боло Ҷамъият метавонад:
- молу мулки ғайриманкулеро, ки дар рафти гузаронидани амалиёти бонкӣ ба даст овардааст, ҳангоми зарар надидан дар муддати се моҳ ва дар дигар ҳолатҳо дар муддати на дертар аз ду соли баъди ба даст овардани он фурӯшад.

2.4. Мақомоти идоракунии ташкилоти қарзии хурд инҳо мебошанд:
- мақоми олӣ – Иштирокчии ягонаи Ҷамъият;
- мақоми идоракунӣ - Шӯрои нозирон;
- мақоми иҷроия - Директори генералӣ.

2.5. Мақоми иҷроия аз ҷониби Шӯрои нозирон таъсис дода мешавад.

3. ҲОЛАТИ ҲУҚУҚИИ ҶАМЪИЯТ

3.1. Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамъият ташкилоти тиҷоратӣ мебошад.

3.2. Ҷамъият фаъолияти худро дар асоси иҷозатномаи (литсензияи) Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Додани иҷозатнома бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

3.3. Бо мақсади амалисозии фаъолияти молиявӣ ва соҳибкорӣ Ҷамъият аз ҳукукҳои зерин истифода мекунад: ҳуқуқи соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдории моликияти худ; ҳуқуқи аз номи худ баромад кардан, ба даст овардан ва амалӣ намудани ҳукукҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ; дар суд ба сифати даъвогар ё ҷавобгар баромад намудан; инчунин ба дӯш гирифтани ӯҳдадориҳо.
- Ҷамъият метавонад дар доираи маҳдудиятҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» муқаррар кардааст, амволи ғайриманқул ва манқулро ба даст орад, молик бошад, истифода намояд, ба иҷора диҳад, фурӯшад.
- Мустақилона тартиби киро ва озод намудани кормандон, давомнокӣ ва тартиби рӯзи корӣ, низом, тартиб ва ҳаҷми музди меҳнати коргарони Ҷамъиятро бо назардошти талаботҳои муқаррарнамудаи Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намояд;
- Ҷамъият бо тартиби муқаррарнамудаи Қонунгузорӣ метавонад барои ҳимоя ва намояндагии манфиатҳои умумии аъзои худ, ҳамоҳанг кардани

фаъолияти онҳо, қонеъ намудани манфиатҳои иттилоотӣ ва касбӣ иттиҳодияҳо дар шакли ассотсиатсияҳо, иттифоуҳо ташкил намояд.

3.4. Ҷамъият метавонад дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷӣ ҳисобҳои бо арзи миллӣ ва хориҷӣ дошта бошад, дорои мӯҳри гирд бо номи пурраи худ, мӯҳри кунҷӣ, бланкаҳои фирмавӣ ва дигар аломатҳои расмӣ бошад.

3.5. Ҷамъият фаъолияти худро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил гардидани мақсадҳои гузошташуда амалӣ мегардонад.

3.6. Ҷамъият аз рӯи ӯҳдадориҳояш дар ҳудуди ҳамаи амволи худ ҷавобгар мебошад. Иштирокчии ягонаи Ҷамъият аз рӯи ӯҳдадориҳои он масъул намебошад ва зиёни таваккалӣ марбут ба фаъолияти Ҷамъиятро дар доираи арзиши саҳми гузоштааш ба ӯҳда дорад.

3.7. Иштирокчии ягонаи Ҷамъият, ки ба Сармояи оинномавии Ҷамъият саҳмро дар ҳаҷми пурраш нагузоштааст, тибқи ӯҳдадории он дар доираи арзиши қисми пардохтнашудаи саҳми ҳар кадом Иштирокчии Ҷамъият масъулияти муштарак дорад.

3.8. Давлат аз рӯи ӯҳдадориҳои Ҷамъият ҷавобгар намебошад, ҳамчуноне, ки Ҷамъият аз рӯи ӯҳдадориҳои давлат ҷавобгар нест.

4. САРМОЯИ ОИННОМАВӢ. ҲИССА ДАР САРМОЯИ ОИННОМАВИИ ҶАМЪИЯТ

4.1. Сармояи ойинномавии Ҷамъият андозаи ҳадди ақали амволи Ҷамъиятро муайян мекунад, ки манфиати қарздоронро кафолат медиҳад ва **38 391 867 (сиву ҳашт миллиону сесаду наваду як ҳазору ҳаштсаду шасту ҳафт) сомониро** дар шакли пулӣ ташкил дода, дар санаи азнавбақайдгирии Ҷамъият пурра пардохта шуда буд.

4.2. Бо қарори Иштирокчии ягонаи Ҷамъият Сармояи ойинномавӣ аз 28 декабри соли 2021 ба маблағи **3 438 180 (се миллиону чорсаду чилу ҳашт ҳазору яксаду ҳаштод)** сомонӣ зиёд карда шуд. **Маблағи умумии Сармояи ойинномавӣ 41 830 047 (чилу як миллиону ҳаштсаду сӣ ҳазору чилу ҳафт)сомониро ташкил хоҳад дод.**

4.3. Ҳиссаи Иштирокчӣ дар Сармояи оинномавӣ 100%-ро аз ҳаҷми умумии Сармояи оинномавӣ ташкил медиҳад. Сармояи оинномавӣ мувофиқи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд ё кам шуда метавонад.

4.4. Дар рӯзи додани иҷозатнома (литсензия) аз тарафи Муассис 100% ҳаҷми минималии Сармояи ойинномавӣ ба ҳисоби корреспондентӣ дар Бонки Миллии Тоҷикистон пардохт карда шудааст.

4.5. Барои ташкили сармояи оинномавӣ наметавонанд истифода шаванд:
- маблағҳои қарзӣ;
- маблағҳое, ки предмети гарав мебошанд;
- маблағҳои буҷавӣ.

4.6. Қарор дар бораи зиёдкунии Сармояи оинномавии Ҷамъият ва дар бораи воридсозии тағйироту иловаҳои мутобиқ ба Оиннома бо қарори шахсии Иштирокчии ягонаи Ҷамъияти дорои ҳукуқҳои Муассис қабул карда мешавад.

4.7. Ҳаҷми Сармояи оинномавии Ҷамъият мумкин аст то ҳаҷми ақалие, ки онро Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар кардааст, бо роҳи камкунии арзиши номиналии ҳиссаҳои ҳамаи Иштирокчиёни Ҷамъият дар Сармояи оинномавии Ҷамъият ва (ё) пардохти ҳиссаҳое, ки ба мутааллақи Ҷамъиятанд, кам карда шавад.

4.8. Ҷамъият ўҳдадор аст оид ба камшавии Сармояи оинномавии Ҷамъият ва дар бораи ҳаҷми нави он ба ҳамаи қарздорони Ҷамъият, ки ба он маълум мебошад, ба таври хаттӣ огоҳ намояд, инчунин дар матбуот, ки дар он маълумот оид ба бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ нашр мегардад, хабар оид ба қарори қабулгардида дар давоми сӣ рӯз аз рӯзи қабули қарор дар бораи камкунии Сармояи оинномавии Ҷамъият интишор намояд.

5. БА ШАХСИ ДИГАР ГУЗАШТАНИ ҲИССАИ (ҚИСМИ ҲИССАИ) САРМОЯИ ОИННОМАВИИ ҶАМЪИЯТ

5.1. Иштирокчии Ҷамъият ҳақ дорад ҳиссаи худро ё қисми онро аз Сармояи оинномавии Ҷамъият ба як Иштирокчӣ ё якчанд Иштирокчии дигар ё ба шахсони сеюм бо тартиби муқарраркардаи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фурўшад ё бо тариқи дигар ба ройгон диҳад.

5.2. Иштирокчии Ҷамъият ҳақ дорад ҳиссаи (қисми ҳиссаи) ба ў тааллуқдоштаро дар Сармояи оинномавии Ҷамъият ба Иштирокчии дигари Ҷамъият ё ба шахси сеюм бо розигии Ҷамъият ва бо қарори Иштирокчии ягонаи Ҷамъият, диҳад.

5.3. Иштирокчии Ҷамъият ҳуқуқи додани ҳуқуқи Муассисиро дар асоси шартномаи дутарафа ба дигар шахс ё ба якчанд шахс бо фоизҳои гуногун, дорад.

6. ҲУҚУҚУ ЎҲДАДОРИҲОИ ИШИРОКЧИИ ҶАМЪИЯТ

6.1. Иштирокчии Ҷамъият ҳуқуқ дорад:

- дар идораи корҳои Ҷамъият бо тартиби муқарраркардаи ҳамин Оиннома иштирок намояд;
- дар бораи фаъолияти Ҷамъият маълумот гирад ва бо китобҳои муҳосибавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо бо тартиби муқарраргардида шинос шавад;
- дар тақсимоти фоида иштирок кунад;
- ҳиссаи худро дар Сармояи оинномавии Ҷамъият фурўшад ё ба тарзи дигар як қисми онро ба як ё якчанд Иштирокчии Ҷамъияти мазкур ройгон намояд;
- ҳар вақт аз Ҷамъият новобаста аз розигии Ҷамъият барояд;
- дар сурати барҳам хўрдани Ҷамъият як қисми амвол ё арзиши онро баъди ҳисобу китоб бо қарздорон гирад.
- Иштирокчии Ҷамъият инчунин дигар ҳукукҳое дорад, ки Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

6.2. Иштирокчӣ ўҳдадор аст:

- бо тартиб, дар ҳаҷм, таркиб ва мўҳлати пешбиникардаи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Оиннома саҳм гузорад;
- иттилооти махфиро дар бораи фаъолияти Ҷамъият фош нанамояд.
- Иштирокчии Ҷамъият дигар ўҳдадориҳоро низ дорад, ки Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

7. БАРОМАДАНИ ИШТИРОКЧИИ ҶАМЪИЯТ АЗ ҶАМЪИЯТ

7.1. Иштирокчии Ҷамъият ҳуқуқ дорад ҳар вақт новобаста аз розигии Ҷамъият то зиёдшавии ҳайати Иштирокчиён аз Ҷамъият барояд.

7.2. Дар сурати баромадани Иштирокчии Ҷамъият аз Ҷамъият ҳиссаи ӯ аз вақти додани ариза дар бораи баромадан аз Ҷамъият ба Ҷамъият мегузарад. Дар ин мавриД Ҷамъият ўҳдадор аст ба Иштирокчии Ҷамъият, ки дар бораи баромадан аз Ҷамъият ариза додааст, арзиши ҳақиқии ҳиссаи ўро пардохт намояд, ки он дар асоси маълумоти ҳисоботи муҳосибавии Ҷамъият дар давоми як соле, ки ариза дар бораи баромадан аз Ҷамъият дода шудааст, муайян карда мешавад ё бо розигии Иштирокчии Ҷамъият ба ӯ амволи чунин арзишдоштаро дар шакли асл ва дар ҳолати пурра пардохт нашудани саҳми ӯ дар Сармояи оинномавии Ҷамъият арзиши ҳақиқии як қисми ҳиссаи ўро, ки ба қисми пардохтшудаи саҳм мутаносиб аст, диҳад.

7.3. Аз Ҷамъият баромадани Иштирокчии Ҷамъият ўро аз ўҳдадорӣ дар назди Ҷамъият оид ба гузоштани саҳм ба амволи Ҷамъият, ки то додани ариза дар бораи баромадан аз Ҷамъият сурат мегирад, озод наменамояд.

8. ИШТИРОКЧИИ ЯГОНАИ ЧАМЪИЯТ

8.1. Иштирокчии ягонаи Чамъият Мақоми олии идоракунии Ҷамъият мебошад.

8.2. Ба салоҳияти истисноии Иштирокчии ягонаи Чамъият ҳалли масъалаҳои зерин шомил мебошад:

- дохил намудани тағйирот ба Оиннома ё тасдиқи Оиннома дар таҳрири нав;
- азнавташкилдиҳии Ҷамъият;
- барҳамдиҳии Ҷамъият;
- интихоби аъзои Шўрои Нозирони Ҷамъият ва Раиси он;
- муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти Ҷамъият;
- тасдиқ кардани ҳисоботи молиявӣ ва бизнес-нақшаҳои Ҷамъият ва қабул кардани ҳисобот оид ба иҷрои онҳо;
- зиёд ё кам кардани Сармояи оинномавии Ҷамъият;
- тасдиқ ва хориҷ намудани Аудиторҳои дохилӣ, муайян намудани шартҳо ва андозаи мукофотпулиҳои онҳо;
- тасдиқ намудани натиҷаҳои солонаи фаъолияти Ҷамъият ва филиалҳои он, аз он ҷумла, ҳисоботҳои молиявии солонаи (ҳисоботи тавозунӣ, ҳисобот дар бораи фоидаҳо ва зарарҳо) Ҷамъият, ҳисоботи Комиссияи тафтишотӣ, Аудитори мустақил, инчунин иҷозат додани тақсими фоидаҳои (дивидендҳои) Ҷамъият ва усулҳои ҷуброни зарарҳо;
- интихоб, таъин ва рад кардани Аудитори берунии Ҷамъият, тасдиқ намудани андозаи музди он;
- муайян кардани андозае, ки дар он Ҷамъият маводро (ахборотро) ба Иштирокчӣ, аз он ҷумла ба воситаҳои ахбори умум ҳангоми паҳнкунии огоҳиномаҳо хоҳад дод;
- қабули қарор дар бораи пешниҳоди даъво ба аъзои Маъмурият ё хизматчиёни Ҷамъият;

- тасдиқи қоида, тартиб ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилии Ҷамъият, ҳамзамон сохтори ташкилии Ҷамъият, аз он ҷумла ҳайати коркунон ва ҳаҷми музди меҳнати кормандони Ҷамъият;
- қабули қарор дар бораи иштирок дар ширкатҳои холдингӣ, гурӯҳҳои молиявию саноатӣ ва дигар ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ;
- ба амал баровардани назорат ба ташаккул ва истифодаи Фонди захиравӣ ва муайян сохтани мақсадҳои истифодаи маблағҳои фонд;
- қабул кардани қарор оид ба ҳама гуна дигар масъалаҳо мутобиқи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ойинномаи мазкур.

8.3. Масъалаҳое, ки ба ваколати истисноии Иштирокчии ягонаи Чамъият тааллуқ доранд, наметавонанд барои ҳал намудан ба зиммаи Директори генералӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Қонунгузории амалкунанда ва Оинномаи мазкур, дода шаванд.

9. ШЎРОИ НОЗИРОН

9.1. Мақоми коллективии иҷроияи Ҷамъият Шўрои Нозирон мебошад. Ҷаласаи Шўрои Нозирон як маротиба дар се моҳ гузаронида мешавад.

9.2. Ба салоҳияти Шўрои Нозирони Ҷамъият масъалаҳои зерин шомиланд:

- Амалӣ ва иҷро намудани қарорҳои Иштирокчии ягонаи Чамъият;
- Қабули қарор оиди ҳамкорӣ ва дастгирии муносибатҳо бо ташкилотҳои маҳаллӣ, байналмилалӣ ва хориҷӣ;
- Интихоби Директори генералӣ, роҳбарии Директори генералӣ ва муайян намудани ҳаҷми мукофотпулии ў, инчунин пеш аз мўҳлат қатъ намудани ваколатҳои Директори генералӣ;
- Тасдиқи лоиҳаҳои банақшагирифташуда ва муайян намудани сарчашмаи маблағгузорӣ;
- Тайёр намудан ва баррасии масъалаҳо ва маводҳо барои баррасии Иштирокчии ягонаи Чамъият;
- Додани пешниҳоди Ҳисоботи пурраи молиявӣ ба Иштирокчии ягонаи Чамъият;
- Тайёр намудани нақшаҳои ҳарсола ва буҷаи Ҷамъият ҷиҳати ҷонибдори намудани Иштирокчии ягонаи Чамъият;
- Таъини Директори генералии Ҷамъият;
- Иҷро намудани дигар функсияҳое, ки аз тарафи Иштирокчии ягонаи Чамъият ба ваколати Шўрои Нозирони Ҷамъият шомил шудаанд;
- Баррасии баҳсу гуногунфаҳмиҳо доир ба масъалаҳои фаъолияти Ҷамъият;
- Тасдиқи сиёсат ва расмиётҳои дохилӣ нисбати додани қарзҳо.

9.3. Аъзои Шўрои Нозирони Ҷамъият метавонад шахси воқеӣ бошад, ки Иштирокчии Ҷамъият намебошад.

9.4. Шўрои Нозирони Ҷамъият на кам аз 5 (панҷ) нафар иборат мебошад.

9.5. Аъзоёни Шўрои Нозирони Ҷамъиятро Иштирокчии ягонаи Чамъият ба мўҳлати як сол интихоб менамояд.

9.6. Раиси Шўрои Нозирон кори онро ташкил менамояд, ҷаласаи Шўрои Нозиронро даъват менамояд ва дар он раисӣ мекунад, дар ҷаласаҳои Шўрои Нозирон бурдани суратмаҷлисро ташкил менамояд.

9.7. Қарор дар ҷаласаи Шӯрои Нозирони Ҷамъият бо аксарияти овозҳои иштирокунандагон, дар сурати 60% овозҳо буданаш, қабул мегардад.

10. МАҚОМОТИ ИҶРОИЯ

10.1. Директори генералӣ мақоми ягонаи иҷроияи Ҷамъият мебошад, ки аз тарафи Шӯрои Нозирони Ҷамъият интихоб мегардад.

10.2. Директори генералӣ манфиатҳои Ҷамъиятро намояндагӣ мекунад ва аз номи Ҷамъият бе ваколатнома амал мекунад. Директори генералӣ ба мӯҳлати се сол таъин мегардад.

10.3. Салоҳияти Директори генералӣ:

- вориди намудани пешниҳод оиди андоза, шакл ва тартиби пардохти фоида;
- тасдиқ намудан ва ташкили истифодабарии воситаҳои пулии Ҷамъият;
- бастани шартномаҳои (созишномаҳои) меҳнатӣ бо кормандони Ҷамъият;
- додани ваколатномаҳо аз номи Ҷамъият;
- кушодан ва қатъ намудани Филиал ва Марказҳои хизматрасониҳои бонкии Ҷамъият;
- таъин намудани роҳбарони Филиал ва Марказҳои хизматрасониҳои маблағгузории хурди Ҷамъият;
- ба амал баровардани идоракунии фаъолияти ҷории Ҷамъият;
- бастани аҳдҳо, аз ҷумла хариду-фурӯши амволи ғайриманқул ва ба имзо расонидани шартномаҳо, қарордодхо;
- баровардани фармонҳо, амрҳо ва фармоишҳое, ки барои тамоми кормандони Ҷамъият ҳатмӣ мебошанд;
- дар доираи салоҳияти худ идора ва ихтиёрдорӣ кардани амволи Ҷамъият, аз он ҷумла кушодани ҳисобҳои бонкӣ ва ихтиёрдории воситаҳои пулии Ҷамъият;
- ҳавасмандгардонӣ ва татбиқи чораҳои таъсиррасонии интизомӣ нисбати аъзоёни коллективи меҳнатии Ҷамъият;
- ба вазифа таъин кардан ва аз вазифа озод намудани кормандони Ҷамъият мутобиқи сиёсати кадрии Ҷамъият, бастани шартномаҳои (созишномаҳои) меҳнатӣ бо онҳо ва иҷрои чунин шартномаҳо, бо истиснои Аудиторҳои Дохилӣ;
- таҳия ва тасдиқ кардани нақшаи таълимии ҳайати Ҷамъият;
- таҳияи нақшаҳои молиявӣ ва бизнес-нақшаҳо, инчунин ҳисоботи солона, иҷрои дигар вазифаҳо мувофиқи Қонунгузорӣ, Оинномаи мазкур, қарорҳои Иштирокчии ягонаи Ҷамъият ва шартномаҳои (созишномаҳои) меҳнатии худ.

10.4. Директори генералии Ҷамъият метавонад муовин дошта бошад, ки аз ҳисоби кормандони Ҷамъият таъин мегардад ва дар набудани Директори генералии Ҷамъият бо сабабҳои ғайриқобили меҳнатии муваққатӣ, рухсатии меҳнатӣ, сафарҳои хизматӣ ё дигар сабабҳои узрнок, ӯро муваққатан иваз мекунад ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ӯро иҷро менамояд.

10.5. Директори генералӣ инчунин метавонад дигар ваколатҳоеро, ки аз ҷониби Иштирокчии ягонаи Ҷамъият ба салоҳияташ дода шудаанд, амалӣ намояд.

11. АУДИТОРҲОИ ДОХИЛӢ ВА АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

11.1. Иштирокчии ягонаи Ҷамъият Аудиторҳои Дохилиро, ки шумораи онҳо бо пешниҳоди Директори генералӣ муайян мегардад, тасдиқ ва озод менамояд.

11.2. Аудиторҳои Дохилӣ оиди назорати дохилӣ ва мушоҳидаи фаъолияти молиявӣ ва иқтисодии ҷории Ҷамъият масъул мебошад. Аудиторҳои Дохилӣ инчунин ҳисоботҳои молиявии солона ва натиҷаҳои иқтисодии фаъолияти Ҷамъиятро месанҷанд ва хулосаҳои дахлдор пешниҳод мекунанд, агар онҳо гузаронидани ин гуна санҷишро зарур шуморанд, ё онҳоро бо талаби Иштирокчии ягонаи Ҷамъият, мегузаронанд.

11.3. Барои иҷрои вазифаҳои худ Аудиторҳои Дохилӣ ҳуқуқ доранд аз кормандон ва Иштирокчии Ҷамъият ҳар гуна ҳуҷҷат, маълумот ва баёнотҳоро, ки барои кори онҳо зарур аст, талаб намояд.

11.4. Иштирокчии ягонаи Ҷамъият ба манфиати Ҷамъият, Аудитори беруниро тасдиқ менамояд, ки он иҷозатномаи (литсензияи) Бонки Миллии Тоҷикистонро барои гузаронидани чунин намуди аудиториро бояд дошта бошад.

11.5. Бонки Милли Тоҷикистон ҳуқуқи таъин намудан гузаронидани Аудити беруниро дорад.

11.6. Ҷамъият мутобиқи талаботи баҳисобгирии муҳосибавӣ, тибқи талаботҳои Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стандартҳои Байналмилалии Баҳисобгирии Муҳосибавӣ аз ҳисоби маблағҳои худ китобҳои баҳисобгирӣ ва сабти молиявиро пеш мебарад.

11.7. Ҷамъият баҳисобгирии муҳосибавиро пеш мебарад ва ҳисоботҳои молиявиро бо тартиби муқарраркардаи Бонки Миллии Тоҷикистон омода менамояд.

12. ТАРТИБИ НИГАҲДОРИИ ҲУҶҶАТҲОИ ҶАМЪИЯТ ВА ПЕШНИҲОДИ АХБОРОТ

12.1. Нигаҳдории ҳуҷҷатҳои расмии Ҷамъият дар маҳалли ҷойигиршавии мақоми иҷроияи Ҷамъият ба роҳ монда мешавад.

12.2. Ҷамъият бояд ба Иштирокчи дастрасии озод, қулай ва номаҳдуд ба ҳуҷҷатҳои Ҷамъият, аз он ҷумла ахборотҳои муҳосибавӣ ва шарҳу эзоҳҳо вобаста ба фаъолияти онро таъмин намояд. Дар сурати дархости Иштирокчӣ, Ҷамъият ба ин Иштирокчӣ нусхаҳои ҳуҷҷатҳои талабкардашударо медиҳад.

12.3. Дар ҳолати азнавташкилдиҳӣ ва қатъшавии фаъолияти Ҷамъият тамоми ҳуҷҷатҳои (идоракунӣ, хоҷагию молиявӣ, оид ба ҳайати шахсӣ ва ғ.) мувофиқи муқаррарнамудаи қоидаҳои ташкилот – ба ҳуқуққабулкунанда дода мешавад. Дар ҳолати набудани ҳуқуққабулкунанда ҳуҷҷатҳои доимо нигоҳдоштаро, ки аҳамияти илмию таърихӣ доранд, ба нигоҳдории давлатӣ ба бойгонӣ дода мешаванд; ҳуҷҷатҳо оид ба ҳайати шахсӣ (Фармонҳо, делоҳои шахсӣ ва карточкаҳои баҳисобгирӣ, суратҳисобҳои шахсӣ ва ғ.) барои нигоҳдорӣ ба бойгонии мақомоти идоракунии маҳаллие, ки дар он минтақа Ҷамъият ҷойигир мебошад, дода мешаванд. Додан ва ҷобаҷокунии ҳуҷҷатҳо бо қувва ва аз ҳисоби маблағҳои Ҷамъият мувофиқи талаботҳои мақомоти бойгонӣ сурат мегирад.

13. ФОНДИ ЗАХИРАВӢ

13.1. Ҷамъият Фонди Захиравиро барои зарарҳои ғайричашмдошт, барпо менамояд. Фонди захиравии Ҷамъият аз ҳисоби маблағи ҷудошудаи ҳарсола аз фоидаи софи Ҷамъият, ки онро Иштирокчии ягонаи Ҷамъият муайян менамояд, ташкил меёбад.

13.2. Дар сурати набудани дигар сарчашмаҳо ва ҳангоми шарту шароити тасдиқ намудаи Иштирокчии ягонаи Ҷамъият, Фонди захиравиро метавонад барои бартараф намудани зарарҳо ва харида гирифтани ҳиссаҳои Ҷамъият истифода намояд. Фонди захиравиро барои дигар мақсадҳо истифода бурдан роҳ дода намешавад.

14. АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ҶАМЪИЯТ

14.1. Азнавташкилдиҳии (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ) Ҷамъият баъди гирифтани розигии Бонки Миллии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

14.2. Барҳамдиҳии Ҷамъият тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» амалӣ мегардад.

14.3. Амволи Ҷамъияти барҳамдиҳанда, ки баъди ҳисобу китоб бо қарздорон боқӣ мемонад, аз ҷониби Комиссияи барҳамдиҳӣ бо навбати зерин тақсим мегардад:
- дар навбати аввал маблағгузорӣ ба Иштирокчии Ҷамъият амалӣ мегардад, ки тақсим шудаанд, вале қисми фоида пардохт нашудааст;
- дар навбати дуюм тақсими амволи Ҷамъияти барҳамшаванда ба Иштирокчии Ҷамъият мутаносибан ба ҳиссаи у дар Сармояи оинномавии Ҷамъият амалӣ мегардад.
- Тақсими амволи боқимондаи ҳар як навбат мутобиқи Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

14.4. Ҷамъияти барҳамхӯрда ва фаъолияташ қатъгардида аз лаҳзаи ворид намудани сабт ба феҳрасти давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва гирифтани шаҳодатномаи тасдиқшуда бо тариқи нотариалӣ, ҳисобида мешавад.

15. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

15.1. Тағйироту иловаҳо ба Оинномаи Ҷамъият дар асоси қарори Иштирокчии ягонаи Ҷамъият ворид мегардад.

15.2. Ҳар гуна баҳсу гуногунфаҳмиҳо оид ба масъалаҳои фаъолияти Ҷамъият бояд дар ҷаласаҳои Шӯрои Нозирони Ҷамъият баррасӣ шаванд. Дар ҳолати ҳал нагаштани баҳсҳо, маводҳои баррасишаванда, мувофиқи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба мақомоти судӣ дода шаванд.